**ДАСТУРАМАЛ**
**оид ба пур кардани ҳисоботи шакли №18-алоқа**
**«Маълумот дар бораи ташкили алоқа»**

Маълумотҳоро шахсони ҳуқуқие, ки хизматрасонии алоқаро дар асоси шартнома ва иҷозатнома пешниҳод менамоянд, пешкаш менамоянд.

Ба маълумотҳои қисмати 1 ҳамаи иншоотҳои ташкилотҳои ҳисоботдиханда (инчунин филиалҳо), шӯъбаҳои алоқа, нуқтаҳои гуфтугуи телефонии ҷудокарда шуда, нуқтаҳои пешниҳоди хизматрасонии алоқаи барқӣ, ки дар сеххо ва қитъаҳои ИТХ, ва ғайра, ки дар тавозуни ташкилоте, ки ҳисоботҳоро тартиб медиҳанд, ё нуқтаҳое, ки дар назди дигар ташкилотҳо, дар хонаҳо ва дар дигар биноҳо ташкил карда шудаанд ва ҷое, ки хизматрасонии алоқаи баркиро кормандони ин нуқтаҳои алоқаи барки пешниҳод менамоянд, дохил карда мешаванд.

Маълумотҳои сатрҳои 210-213 барои ҳамаи иншоотҳои қисматҳои сохторие, ки кабул ва таҳвили барқияҳоро бо воситаи дастгоҳҳои телеграфии ва бо воситаи телефон амали менамоянд, инчунин он нуқтаҳои алоқае, ки барои таҳвил ва қабули барқия бо воситаи дастгоҳҳои телефонии дигар ташкилотҳо истифода мебаранд. Агар таҳвили барқия бо воситаи пушта ё номбари амали карда шавад, пас ин бандҳо дар сатрҳои 210-213 нишон дода намешаванд.

Дар сатрҳои 211 ва 213 иншоотҳое нишон дода мешаванд, ки хизматрасонии алоқаи телеграфи дар худуде расонида мешавад, ки мувофиқи санадҳои меъёри ба деҳот (кишлокҷойҳо) дохил мешаванд.

Дар сатри 220 микдори шӯъбаҳо нуқтаҳои алоқа, нуқтаҳои гуфтугуи телефонӣ ва дигар иншоотҳо, қисмҳои сохторие, ки пайвасти телефонҳои байнишаҳрӣ ва байналмилалиро амали менамоянд. Ба ин маълумотҳо инчунин он нуқтаҳои алоқае, ки барои пешниҳоди хизматрасонии воситаҳои техникии (канори дастгоҳҳо) дигар ташкилотҳо низ дохил карда мешаванд.

Дар сатри 230 миқдори шӯъбаҳо, нуқтаҳои алоқа, нуқтаҳои гуфтугуи телефонӣ ва дигар иншоотҳо, қисмҳои сохторие, ки хизматрасонии даромад ба шабакаи Интернетро амалї менамоянд, инъикос карда мешаванд. Ба ин маълумотҳо инчунин нуқтаҳои алоқае, ки барои расонидани хизматрасонии воситаҳои техникии (канори дастгоҳҳо) – и дигар ташкилотҳо истифода бурда мешаванд, дохил карда мешаванд.